Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон (734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад
48/5. Web:www.dsx.tj).

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

## 1.Муҳимияти мавзуи таҳқиқот

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Наимзода Насимҷон Қудратулло, ки такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) номгузорӣ гардидааст ба самтҳои асосии Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030 ва амалигардонии он мутобиқ мебошад.

Чунене, ки ба мо маълум аст, истиқлолият дар баробари дигар музаффариятҳояш ба миллати мо дастовардҳоеро рӯйи кор овард, ки хурду бузурги мо то даврони соҳибистиқлолӣ орзуи онҳоро дар дил мепарваридем. Тасмимгирӣ дар бештари масъалаҳо вобаста ба манфиатҳои миллӣ ва сиёсиву иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуданд.

Шомил намудани фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои он ба бозори хизматрасонии сайёҳии ҷаҳонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи мамлакат, аз он ҷумла унсури иқтисодиёти сабз маҳсуб ёфта, ин раванд аз иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ, ҷобаҷокунӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти хизматрасонии сайёҳӣ вобаста мебошад. Маълум аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёт ба ҳисоб рафта,

дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад.

Дар баъзе кишварҳои олам (аз ҷумла, Фаронса, Италия, Юнон, Чин, Арабистони Саудӣ, Туркия ва ғайра) ҳамасола аз ҳисоби сайёҳӣ миллиардҳо доллар ба буҷаи мамлакат ворид мегардад, ки дар афзудани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таъсиргузор мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои садҳо осори таърихию ҳунарӣ, ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, обҳои шифобахш, кӯҳҳои осмонбӯс ва табиати нотакрор мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо, ба рушди соҳаи туризм ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Аз ин рӯ, муҳиммияти мавзуи рисолаи диссертатсионии Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мубрамияти он зоҳир гардида, зарурӣ мебошад. Диссертатсия аз рӯйи таркиб ва мазмуни худ мақсад ва вазифаҳои мушаххаси назария ва амалияи таъсири рушди соҳаи сайёҳиро дар бар мегирад.

**2.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Объект, предмет ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), бандҳои: 1.9. Ҳолати муосир ва пешгӯии тамоюлҳои асосии рушди бозорҳои сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ; 1.12. Иқтисодиёти ҳудудҳои рушди сайёҳӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо; 1.13. Иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ. Ҷобаҷокунӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва омилҳои асосии таъминкунандаи он; 1.28. Самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ. Рушди бизнеси электронӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 1.29.Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди сайёҳии минтақавӣ; 1.30. Идоракунии анбуҳҳои сайёҳӣ бо истифода аз хизматрасониҳои логистикии рақамӣ мувофиқат мекунад.

**3.Дарачаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда муаллиф омӯзиши таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳиро дар мисоли вилояти Хатлон истифода намудааст. Ҳалли он имкон додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти роҳҳои таъмини устувории ташкили хизматрасониҳои сайёҳиро дар минтақаҳои вилояти Хатлон ва коркарди пешниҳодҳои илмию амалӣ дар ҷодаи такмил додани роҳу равиши танзими давлатии минтақаҳо истифода бурда шаванд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия қайдшуда ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои олимони соҳаи иқтисодии ватанию хориҷиро дар самтҳои устувории хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷанбаъҳои назариявии ташаккулёбии таснифоти захираҳои сайёҳӣ ва сатҳуи сифати арзишмандии онҳо ҳамчун омили истеҳсолот ва тиҷоратигардии онҳо дар иқтисодиёти саёҳї, арзёбии тамоюлу қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли рушди он дар таркиби ММД, вазъи иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ ва таҳлили фаъолияти марказҳои иттилоотии сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, робитаҳое, ки марказҳои сайёҳии ҷумҳуриро дар фазои байналмилалии иттилоотии сайёҳӣ ҷалб мекунанд эҷодкорона истифода намудааст.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро асарҳои бунёдии олимони машҳури ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба такмили таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти саёҳии ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он бо истифода аз марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ва фазои иттилоотии сайёҳӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти консептуалию назариявӣ ва хулосаҳо вобаста ба масъалаҳои илмии такмили таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии асоснок карда шудаанд. Дар раванди гузаронидани таҳлилҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои оморӣ, синтез ва таҳлили муқоисавӣ, мантиқӣ-

назариявӣ, таҳлили динамикаи ҳодисаҳо ва мушоҳидаҳо истифода карда шудаанд. Инчунин корҳои илмии олимони иқтисодшиноси ватанӣ ва хориҷӣ, барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои сайёҳӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии муассисаҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди ссайёҳӣ ташкил доданд. Ба сифати маводҳои ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025 ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияҳои даврӣ истифода бурда шудаанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ ба кор маълум гардид, ки муаллиф Наимзода Н.Қ. хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**4.Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

**Мақсади кори таҳқиқотӣ ва ҳадафҳо** аз коркарди муносибати методӣ ва такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили ҷараёнҳои амалиётҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва ташаккули марказҳои иттилоотии сайёҳии Тоҷикистон иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки мақсади кори тадқиқотӣ бисёр хуб тартиб дода шудааст, вале каме васеъ мебошад.

**Объекти таҳқиқот** иқтисодиёти бахши сайёҳии Тоҷикистон ва муносибатҳои марбут ба таъминоти иттилоотии равандҳои ташкили таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ дар вилояти Хатлонро дар бар мегирад, ки дар навгонии кор ба пуррагӣ дарҷ гардидаанд.

Ба назари мо унсурҳои навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз ҷониби муаллиф гузошташударо ба таври саҳеҳ тавсия медиҳанд чунин мебошанд:

1. Мавқеи сайёҳӣ ва таъсири мултипликативии он дар иқтисодиёти кишвар муқаррар карда шуда, мафҳумҳои «иқтидори сайёҳӣ», «маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ», инчунин технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ тавзеҳот дода шудаанд. Дар навгонии мазкур асонок карда шудааст, ки истеҳсоли маҳсули сайёҳӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани се омили асосӣ - захираҳои сайёҳӣ, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ имконпазир мебошад. Бояд, қайд намуд, ки муаллиф навгонии якумро дар боби якум, зербоби 1.3. (саҳ. 42-59) бо пуррагӣ кушодааст.

2. Исбот карда шудаст, ки таснифоти асосии захираҳои сайёҳӣ ба тарзи пайдошавии онҳо рабт дошта, вобаста ба он захираҳои табиӣ, захираҳои моликияти зеҳнӣ ва омехта оид ба сайёҳӣ асос ёфтааст.

3. Қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли рушди он дар таркиби ММД, инчунин ҳаҷми калони воридоти қарз, ки ба рушди бахшҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири назаррас гузошт, муайян карда шуданд.

4. Мафҳуми «Маркази иттилооти сайёҳӣ» чун василаи ташаккули фазои иттилоотии дохилӣ ва баромадан ба фазои иттилоотии берунӣ маънидод карда шудааст ва вазифаҳои асосии фаъолияти марказҳои иттилооти сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ муайян карда шуданд.

5. Бо мақсади ташкили низоми бисёрсатҳии марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, ки тамоми фазои сайёҳии миллиро фаро мегиранд, сохтори чорсатҳии он пешниҳод гардида, таъйиноти функсионалии ҳар як сатҳи инфиродӣ муайян карда шудаанд.

6. Пешниҳоду тавсия доир ба такмили сохтори ташаккул ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақаи сайёҳӣ, ки ба рушди сайёҳии дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунанд, коркрд карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки кори илмӣ-таҳқиқотии муаллиф аз 6-навгонӣ иборат мебошад, ки бо пуррагӣ ба нақшаи кор ва вазифаҳо мутобиқат мекунад.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Дар муқаддима** муҳиммият ва сатҳи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, навгонии мавзуъ асоснок карда шуда, сарчашмаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд. Дар қисмати мазкур инчунин дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф, объект ва мавзӯи диссертатсия, вазифаҳо, усулҳо ва соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия асоснок карда шуда, сохтор ва ҳаҷми он нишон дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** “Асосҳои назариявии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ”, нақши соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодӣ, захираҳои сайёҳӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, ташаккули ҷараёнҳои иттилоотии сатҳи таъиноти сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки муаллиф навгониҳои якум ва дуюмро бо пуррагӣ дар боби якуми диссертатсия аз саҳифаи 15 то 59 мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** бошад “Таҳлили вазъи муосири рушди соҳаи сайёҳӣ ва таъминоти иттилоотии он”, иқтидори иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои иттилоотикунонии он, арзёбии нишондиҳандаҳои асосии тамоюлҳо ва механизмҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва арзёбии вазъи муосири инфрасохтори муҳити иттилоотии соҳаҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ аз саҳифаи 59-109 мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар он навгониҳои чорум ум ва панҷум дида баромада шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** бошад “Самтҳои асосии такмили таъмини иттилоотии соҳаи сайёҳии минтақаҳои Тоҷикистон”, роҳҳои воридсозии марказҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба фазои байналмилалии иттилоотӣ - сайёҳӣ, асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии “Бохтар” ва самтҳои асосии такмили сохтори ташкилию иқтисодии фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ (дар мисоли маҷмааи сайёҳии “Бохтар”) мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст ва муайян карда шудааст, ки дар он навгонии сеюм ва шашум мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар хулосаҳо ва пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, якчанд пешниҳоди судманд оид ба мукаммалгардонии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**6.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Ба андешаи мо диссертатсия дар пояи устувори илмӣ ва назариявӣ таҳия гардида, муаллиф дар ҷамъбасти рисолаи номзадӣ, пайдарпайии таҳлил ва хулосабарории натиҷаҳо заҳмати зиёдеро ба харҷ додааст. Аммо дар баробари комёбиҳои назаррас дар диссертатсия баъзе норасоӣ ва камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Бисёр хуб мешуд агар муаллиф ҷадвалҳои таҳлилнамудаашро тибқи марҳилаи таҳқиқот то 2021 мегузаронид. Аммо ҷадвалҳо гуногун таҳия гардидаанд. Масалан ҷадвали 3.2.1. фаъолияти субъектҳои хизматрасони сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020 мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва ғайраҳо.

2. Дар мавзуи диссертатсия калимаи “маводҳои” ба калимаи “сачашмаи, маъхази ё маълумоти” истифода шавад ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, маънои луғавии “маводҳо” дар фарҳанг ба маънои дигар баён мешавад.

3. Ҷадвалҳои 2.1.2. фаъолияти ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон (с. 63) ва ҷадвали 2.3.4 Рӯйхати ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон, ки

дорои литсензия (иҷозатнома) мебошанд (с. 105) барои диссертатсия аҳамияти муҳим доранд, вале хилофи якдигар мебошанд.

4. Дар диссертатсия ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба роҳҳои ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хариҷӣ оварда шудаанд, аммо хуб мешуд агар муаллиф дар ин радиф пешниҳодҳои мушаххаси илмиро бозҳам зиёдтар асоснок менамуд, он гоҳ натиҷаи таҳқиқот боз ҳам мукаммал мешуд.

5. Маълумотҳои омории истифодашуда дар саҳифаҳои 23, 59, 61, 65, 66 ва ғайра сарчашмаи маълумот надоранд.

**7. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ.**

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ воқеъан дар сатҳи баланди назариявӣ таҳия карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки метавон натиҷаҳои ба дастомадаи рисолаи илмиро дар устувории фаъолияти минтақаҳои сайёҳӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои устувории рушди сайёҳӣ ва мутахассисони соҳавие, ки бевосита ба устувории ширкатҳои сайёҳӣ машғуланд, ба таври васеъ истифода намоянд.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат ба мазмуни диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой дода шудааст.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсияи пешниҳоднамудадаи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзуи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», бешубҳа кори илмию тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳими афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ дорост, мебошад ва комилан ба талаботҳои “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ тасдиқ гардидааст мутобиқ ва ҷавобӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсент кафедраи идораи молияи
давлатӣ, муовини сардори раёсати таълими
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода А.О.

Имзои Бобозода А.О.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

734003, Ҷумҳурии Тоҷиистон
ш.Душанбе, кӯчаи С.Носир 33, www.apa.tj. info@apa.tj